## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ДУЮМИ СОЛИ 2020

*Дар давоми моҳҳои январ-июни соли 2020 фазои мураккаб ва ногувори иқтисодиёти ҷаҳон, маҳдуд гардидани равобити марзӣ ва коҳиш ёфтани муомилоти тиҷоратӣ вобаста ба паҳншавии пандемияи коронавирус (COVID-19) ба вазъи молиявии кишвар таъсиргузор буд. Сарфи назар аз ин, аксари нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкӣ (бонкҳо ва ТАҚХ) талаботҳои муқарраршударо иҷро намуданд.*




**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи дуюми соли 2020 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ ба 19,7 фоиз (К1-1) баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 7,7 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.

**Пардохтпазирӣ.** Нишондиҳандаи дигари муҳими устувории молиявӣ-меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом низ ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 65,2 фоизро ташкил намуд. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ меъёри мазкур ба андозаи 2,4 б.ф. зиёд мебошад

Дараҷаи пардохтпазирии бо асъор ифодаёфтаи низоми бонкӣ бошад, ба 63,3 фоиз расид.




**Даромаднокӣ.** Дар давраи баррасишаванда даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя мувофиқан 1,9 ва 7,0 фоизро ташкил



намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 мувофиқан ба андозаи 0,6 б.ф. ва 2,2 б.ф. кам мебошад.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Дар ҷамъбасти семоҳаи дуюми соли 2020 ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 5,5 б.ф. афзоиш ёфта, 31,0 фоизро ташкил дод.

Дар ин давра нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол ба 73,0 фоиз баробар гардид.

**Хавфи асъорӣ.** Дар семоҳаи дуюми соли 2020 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар ташкилотҳои қарзӣ кӯтоҳ буда, андозаи он -6,0 фоизро ташкил медиҳад ва ба меъёри муқарраршуда (К6-1) муносиб мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ 51,0 фоизи қарзҳои низоми бонкиро қарзҳои асъорӣ ва 47,9 фоизи пасандозҳоро пасандозҳои асъорӣ ташкил доданд, ки нисбат ба соли қаблӣ мувофиқан ба андозаи 1,0 б.ф. ва 0,1 б.ф. раванди камшавиро дорад. Тамоюли поёнравии ҷалби пасандозҳо ва пешниҳоди қарзҳо бо асъори хориҷӣ дар солҳои охир аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт ва зиёд шудани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ шаҳодат медиҳад.

**4. Сифати сандуқи қарзӣ**




**5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ**




*Таҳлилҳо дар асоси маълумоти оморӣ ва ҳисобҳои Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шудаанд.*